ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст.

Автореферати диссертатсияи Саидзода Саида Саид, ки дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» пешниҳод шудааст, дар ҳақиқат кори илмии наву тоза ва шоистаи таҳсин дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Пажуҳиши мавзуи зикргардида тақозо намудааст, ки унвончӯ таҳқиқи се масъалаи муҳим - омилҳои ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун, шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар повестҳои нависанда ва тасвири воқеияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсунро бо фарогирии чандин масъалаҳои дигари марбут ба таҳқиқи мавзуи кори диссертатсионӣ баррасӣ намояд.

Унвончӯй ҳамчун сарчашмаи таҳқиқи диссертатсионӣ ҳикояҳо, повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор-и Саттор Турсунро, ки дар солҳои гуногун ба нашр расидаанд, ба пажуҳиш гирифта, ин анвои жанри адабиро дар алоҳидагӣ бо вижагиҳои мавзуву муҳтаво, масъалаи воқеияти зиндагӣ ва таҳлили образҳои дар асарҳои истифодашуда таҳқиқ ва баррасӣ намудааст.

Саидзода С.С. баҳри таҳқиқи мавзуи илмӣ вазифаҳо ва мақсадҳои мушаххасро дар назди худ гузошта, аз таҳлили ин масъалаҳо ба хубӣ баромадааст. Масъалагузориҳо, муқоисаҳо ва баҳсҳо бо донишмандон ва натиҷагириҳои муаллиф дар пояи хуби илмӣ қарор доранд ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда мундариҷа ва муҳтавои таҳқиқро дуруст нишон додаанд.

Диссертатсияи Саидзода С.С. аз муқаддима, се боб, хулосаву китобнома ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ фароҳам омадааст ва дар муқаддима ҳама бандҳо мувофиқи талаботи

нави иншои диссертатсияҳои илмӣ таҳия ва тадвин гардидаанд. Ҳар боби диссертатсия ба масъалаҳои ҷолиби илмӣ бахшида шуда, натиҷагириҳо аз мавзуи бобҳо назаррасанд.

Боби якуми диссертатсия «Омилҳои ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун» унвон дошта, аз чор фасл иборат аст. Дар ин боб муаллиф дар асоси баррасии маводи дастрас ва осори ба чоп расидаи Саттор Турсун андешаҳо ва назари худро оид ба масъалаҳои мубрами дар боб омада, аз ҷумла Саттор Турсун ва роҳи эҷодии ӯ, таснифи асарҳои нависанда, густариши ҳикоя ва повест дар насри муосири тоҷикии солҳои 70-90, нақши ҳикояҳо ва повестҳои Саттор Турсун дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикӣ баён доштааст.

Боби дувуми диссертатсия «Шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар повестҳои Саттор Турсун» ном дорад ва аз як фасли асосӣ ва чор зерфасл иборат буда, дар он масъалаи мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии чаҳор повести нависанда, аз ҷумла: «Сукути қуллаҳо», «Камони Рустам», «Мегӯянд, ки модарам...» ва «Санг дар бағал ба тӯфон» таҳқиқ ва баррасӣ шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун» унвонгузорӣ шудааст ва аз чор фасл таркиб ёфтааст. Дар фаслҳои ин боб унвончӯ масъалаҳои тасвири ҳолатҳои равонӣ ва пуртазоди зиндагӣ, тасвири пайванди инсон ва табиат, таҳлили образҳо (шахсиятҳои достонӣ) дар роман ва забон ва сабки баёни Саттор Турсунро ба таҳқиқ ва пажуҳиши илмӣ кашидааст.

Хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф дуруст, бамаврид ва воқеиянд. Маводи диссертатсияро ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи таърихи адабиёти муосири тоҷикӣ ва навиштани корҳои илмӣ истифода бурдан мумкин аст. Аз нигоҳи банду баст автореферати диссертатсияи номзадии Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» як асари томи илмӣ аст, ки дастовардҳои зиёд

дорад. Дар радифи дастовардҳо дар автореферат баъзе ноҷӯриҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳоро зарур мешуморем:

1. Дар боби дувуми диссертатсия, ки ба таҳқиқи повестҳои Саттор Турсун бахшида шудааст, аз ҳафт повест чаҳор адади он таҳқиқ ва пажуҳиш шудааст.

2. Дар боби сеюми диссертатсия, дар зерфасли якуми фасли сеюм, ҳангоми таҳлили образҳои марказии романи «Се рӯзи як баҳор» умумигӯйӣ ва нақли мазмун бештар ба назар мерасад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

Тақриздиҳанда: доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода

09.02.2026

Суроға: индекс 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Деҳи Боло 162
Тел.: (+992) 933670999
E-mail: isrofilnijo66@mail.ru

Имзои Ш.Р. Исрофилниёро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17/6.
Телефон: +992-37) 2325029; 2325000; факс: +992372325003.
E-mail: rectorat/dbzkht.tj@mail.ru

09.02.2026